# П Р О Т О К О Л И

*маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои вируси норасоии масунияти одам /аломати норасоии масунияти бадан (ВИЧ/СПИД), сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

аз 25 феврали соли 2008, соати 14:00 № 6

**Раиси маҷлис:** Қурбонова Р.А. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи ВИЧ\СПИД, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Иштирок намуданд:** 15 нафар аъзои Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ (бо сабабҳои узрнок 3 нафар ҳузур надоштанд).

**Даъватшудагон:**

З.И. Юнусова– мудири Шӯъбаи тандурустӣ, оид ба масъалаҳои занон ва оилаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қ.Х. Алибердиева– муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сантино Северони – намояндаи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон, Салибан Омар - роҳбари лоиҳаи татбиқи грантҳои Барномаи Рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, М.Р. Болтаева -намояндаи ЮНЭЙДС дар Тоҷикистон, Мухамадиева Г.М.- Ассистенти барномаи DFID дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзиев М.М. – директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва муборизаи зидди СПИД, С.С. Каримов– директори Маркази ҷумҳуриявии муборизаи бо бемориҳои тропикӣ, М.Н. Малахов– директори Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологи ба номи М.Ғ. Ғуломов, муовини Раиси вилояти Хатлон, муовинони раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ.

***<u>Рӯзномаи маҷлис</u>:***

1. Баррасии иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2005 таҳти №113 «Дар бораи Барномаи пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии нарокологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2010» ва вазъи бемории ВИЧ/СПИД дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвозу Ванҷи ВМКБ.
   Маърӯзакунанда: Малахов М.Н. – директори Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ба номи М.Ғ. Ғуломов

2. Мавриди баррасӣ қарор додани ҳолат ва вазъи фарогирии сироятёфтагони ВИЧ ба табобати зиддиретровирусӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.
   Маърӯзакунанда: Рӯзиев М.М. – директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза зидди СПИД

3. Баррасии иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005 таҳти №502 «Дар бораи Барномаи мубориза бо бемориҳои тропикӣ (вараҷа) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» дар ноҳияҳои Шӯрообод, Ҳамадонӣ, Фархор, Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон.
   Маърӯзакунанда: Каримов С.С. – директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои тропикӣ

4. Дархости КМҲ оид ба маблағгузории давраи фазаи дуюми гранти Хазинаи Глобалӣ «Мубориза алайҳи вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2008-2010.
   Маърӯзакунанда: Салибан Омар - роҳбари лоиҳаи татбиқи грантҳои Барномаи рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

5. Оид ба тасдиқи Нақшаи татбиқи Барномаи мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти бадан ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010.
   Маърӯзакунанда: котиби КМҲ - Ғоибов А. Ғ.

6. Ахборот дар бораи иҷрои ҳисоботи Миллӣ оид ба мубориза бо паҳншавии ВИЧ/СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи банди 10 қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ.
   Маърӯзакунанда: котиби КМҲ - Ғоибов А. Ғ.

7. Тасдиқи ҳайати Кумитаи миллии баҳодиҳии техникии пешниҳодҳои грантӣ вобаста ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
   Маърӯзакунанда: Ҳамоҳангсози миллии Лоиҳаи назорати пешгирии СПИД-и Осиёи Марказӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Латипов А.Л.

8. Пешниҳоду дархости КМҲ ҷиҳати идомаи грант дар доираи Механизми маблағгузории муттасили Хазинаи глобалӣ оид ба бемории сил барои солҳои 2008-2013.
   Маърӯзакунанда: котиби КМҲ - Ғоибов А. Ғ.

Ҳозиринро бо мазмуну мундариҷаи рӯзномаи маҷлис Р.А. Қурбонова– муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ ошно намуд.

Дар бораи масъалаи якум ҷиҳати баррасии иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2005 таҳти №113 «Дар бораи Барномаи пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии нарокологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2010» ва вазъи бемории ВИЧ/СПИД дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвозу Ванҷи ВМКБ директори Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ба номи М.Ғ. Ғуломов – М.Н. Малахов ахбор дод (замима мегардад).

**Баромад карданд:** Хидиров М.А., Юнусова З.И., Сантино Северони

Доир ба масъалаи дуюм ҷиҳати мавриди баррасӣ қарор додани ҳолат ва вазъи фарогирии сироятёфтагони ВИЧ бо табобати зидди-ретровирусӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон директори Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза зидди СПИД – М.М. Рӯзиев ахбор пешниҳод намуд (замима мегардад).

**Баромад карданд:** Комилова С.Р., Хидиров М.А., Сантино Северони.

Доир ба масъалаи сеюм -баррасии иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005 таҳти №502 «Дар бораи Барномаи мубориза бо бемориҳои тропикӣ (вараҷа) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» дар ноҳияҳои Шӯрообод, Ҳамадонӣ, Фархор, Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон аъзои кумитаро директори Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои тропикӣ - С.С. Каримов шинос намуда, мақсаду маром ва мӯҳтавои онро ба таври возеҳу равшан баён карданд (замима мегардад).

**Баромад карданд:** Салибан Омар., Юнусова З.И., Ғоибов А. Ғ.

Доир ба масъалаи чорум -баррасии дархост оид ба идома додани маблағгузории лоиҳаи Хазинаи Глобалӣ оид ба вараҷа дар фазаи дуюми гранти «Мубориза алайҳи вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аъзои Кумитаро роҳбари лоиҳаи иҷрошавии грантҳои Барномаи Рушди СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Салибан Омар шинос намуданд (замима мегардад).

**Баромад карданд:** Норинов Ҷ. Рузиев М.М.

Доир ба масъалаи панҷум - тасдиқи Нақшаи татбиқи Барномаи мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти бадан ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010- Ғоибов А.Ғ ахбор пешниҳод намуд (замима мегардад).

Доир ба масъалаи шашум - оид ба иҷрои ҳисоботи Милли оид ба мубориза бо паҳншавии ВИЧ/СПИД дар Чумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи банди 10 қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ дар мохи январи соли равон Ғоибов А.Ғ ахборот дод.

Доир ба масъалаи хафтум - оид ба тасдиқи ҳайати Кумитаи миллии баҳодиҳии техникии пешниҳодҳои грантӣ вобаста ба масъалаҳои

ВИЧ/СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Бекназаров М.Б. баромад намуд (замима мегардад).

**Баромад карданд:** Салибан Омар., Ортиқова Н.П., Мирзоев А.С.

Доир ба масъалаи ҳаштум -оид ба пешниҳоду дархости КМҲ ҷиҳати идомаи грант дар доираи Механизми маблағгузории муттасили Хазинаи глобалӣ оид ба бемории сил барои солҳои 2008-2013 Ғоибов А.Ғ ахборот дод.

**Салимов Н.Ф.,-**Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки бо мақсади минбаъд муайян намудани ваколатҳои марказҳои соҳавӣ дар амалӣ намудани грантҳои Хазинаи глобалӣ аз барномаи рушди СММ ба сохторҳои давлатӣ гузаронидан гурӯҳи корӣ таъсис дода шавад (замима мегардад).

Маҷлиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва табларза **қ а р о р м е к у н а д:**

1. Оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2005 таҳти №113 «Дар бораи Барномаи пешгирии паҳншавии нашъамандӣ ва такмили ёрии нарокологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2005-2010» ва вазъи бемории ВИЧ/СПИД дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвозу Ванҷи ВМКБ:
1.1. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ:
- оид ба ҷудо намудани биное мувофиқ барои маркази наркологӣ, таъмиру тармими он ва бозомӯзии мутахассисон, мустаҳкам намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои наркологии ВМКБ чораҳои мушаххас андешида шавад.

2. Оид ба ҳолат ва вазъи фарогирии сироятёфтагони ВИЧ бо табобати зидди ретровирусӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон:
2.1. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ:
- дар масъалаи фарогирии шумораи бештари мизоҷон бо табобати зидди ретровирусӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.
- оид ба пешгирии бемории ВИЧ/СПИД, омода намудани мутахассисони бахшҳои гуногуни соҳаи тандурустӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.
- фаъолияти нуқтаҳои боварӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ пурзӯр гардонида шуда, оид ба пешгирии ВИЧ/СПИД чораҳои лозима андешида шаванд;

3. Оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005 таҳти №502 «Дар бораи Барномаи мубориза бо бемориҳои тропикӣ (вараҷа) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010»

дар ноҳияҳои Шӯробод, Ҳамадонӣ, Фархор, Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон:
3.1. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- новобаста аз мӯътадил шудани вазъи эпидемиологии бемории вараҷа дар қаламрави ҷумҳурӣ минбаъд низ маҷмӯи чорабиниҳои пешгирии бемории мазкур пурзӯр карда, масъалаи таъмини марказҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ бо доруворӣ баррасӣ карда шавад.

4. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- иҷрои Барнома оиди мубориза бо паҳншавии ВИЧ/СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010 доир ба таҳия ва ҷорӣ намудани маводҳои таълимӣ барои омӯзгорон ва донишомӯзон дар бораи пешгирии ВИЧ/СПИД ва бемориҳои сироятии ҷинсӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.

5. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- чорабиниҳои иттилоотонии ҷавонон ва наврасон оид ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД ва роҳҳои пешгирии он вусъат бахшида, шаванд.
- дар гузаронидани марафони умумиҷумҳуриявӣ «Танҳоякҷоя мо бар ВИЧ/СПИД пирӯз мешавем!» иштироки мутахассисон ва кормандони соҳаро таъмин намоянд.

6. Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҷиҳати баланд бардоштани мақоми оила, танзими урфу одатҳои оилавӣ ва миллӣ, инчунин тарғибу ташвиқи тағийр додани рафтору кирдори ҷавондухтарон тадбирҳои мушаххас пешбинӣ карда шаванд.

7. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи телевизион ва радиои назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- дар воситаҳои ахбори омма ҷиҳати мунтазам интишор ва ба табъ расонидани маводҳои рӯзмарра дар бораи пешгирии ВИЧ/СПИД, сил ва вараҷа чораҳои мушаххас андешида шаванд.

8. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:
- тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат бо вируси норасоии масунияти бадан ва бемории норасоии муҳассали масуният” таҳти № 50 аз 28 декабри соли 2005 масъалаҳои таҳия, мувофиқа ва пешниҳод намудани лоиҳаи санади дахлдорро оид ба таъиноти нафақа, ҷубронпулӣ ва дигар намуди кӯмаки моддӣ барои сироятёфтагони ВИЧ дар муддати се моҳ ҳаллу фасл намоянд.

9. Дархости КМҲ оид ба маблағгузории давраи дуюми гранти Хазинаи Глобалӣ “Мубориза алайҳи вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои солҳои 2008-2010 маъкул дониста шавад.

10. Нақшаи татбиқи Барномаи мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти бадан ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010 тасдиқ карда шавад.

11. Ҳисоботи Милли оид ба мубориза бо паҳншавии ВИЧ/СПИД дар Чумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботии банди 10 қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ, ки 29 январи соли равон ба намояндагии барномаи ЮНЭЙДС пешниҳод гардидааст, маъқул дониста шавад.

12. Ҳайати пешниҳодшудаи Кумитаи миллии баҳодиҳии техникии пешниҳодҳои грантӣ вобаста ба масъалаҳои ВИЧ/СПИД аз нав баррасӣ гардида, барои тасдиқ намудан пешниҳод карда шавад.

13. Ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Котиботи КМҲ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати идомаи грант дар доираи Механизми маблағгузории муттасили Хазинаи глобалӣ оид ба бемории сил барои солҳои 2008-2013 маводҳои заруриро таҳия ва тибқи талаботи мавҷуда пешниҳод намояд.

14. Ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва котиботи КМҲ супориш дода шавад, ки масъалаи ба ӯҳдаи сохторҳои давлатӣ гузаштани қабулкунандаи асосии грантҳои Хазинаи глобалӣ гурӯҳи корӣ таъсис дода, барои тасдиқ ба раиси КМҲ дар муддати даҳ рӯз пешниҳод карда шавад.

15. Роҳбари гурӯҳи корӣ Солимов Н. - Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои КМҲ муайян карда шавад.
Оид ба халлу фасли масъалаи мазкур нақшаи кориро таҳия ва барои тасдиқ намудан пешниҳод намояд.

Назорати иҷрои протоколи мазкур ба зиммаи Котиботи иҷроияи Кумитаи мазкур гузошта шавад.

Муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Раиси Кумитаи
миллии ҳамоҳангсозӣ Р.А. Қурбонова